***УДК 342***
***DOI 10.24412/2411-1945-2023-1-20-24***

***РОЧЕЪ БА МАСОИЛИ АСОСНОККУНИИ ҲУҚУҚИИ МАФҲУМИ «РАВАНДҲОИ ИТТИЛООТӢ»***

***Шокиров Ғайбулло Абдуллоевич,*** *н.и.ҳ., дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон,)*

***К ВОПРОСУ О ПРАВОВОМ ОБОСНОВАНИИ ПОНЯТИЯ «ИНФОРМАЦИОННЫЕ ПРОЦЕССЫ»***

***Шокиров Гайбулло Абдуллоевич,*** *канд. юрид. наук, доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

***ABOUT THE MATTER OF LEGAL FUNDAMENTAL MEANING "INFORMATIONAL PROCESSES"***

***Shokirov Gaybullo Abdulloevich,*** *candidate of juridical sciences, Assosiate Professor of theory and history of state and law department under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)****E-MAIL:*** *Shga1959@mail.ru*

*Масъалаҳои раванди иттилоотӣ дар бунёди ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳамбастагии он бо мафҳумҳои «захираҳои иттилоотӣ» ва «низомҳои иттилоотӣ», ки чун объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва чун предмети омӯзиши илмҳои соҳавии ҳуқуқӣ баромад менамоянд, таҳқиқ шудааст. Муайян шудааст, ки моҳияти мафҳуми «равандҳои иттилоотӣ» аз ҷониби илми информатика коркард шуда, фаъолияти ҳуқуқии мазкур чун амали субъектҳо нисбати худи иттилоот ва тағйирдиҳии иттилоот аз ҷониби онҳо фаҳмида мешавад. Мафҳуми «равандҳои иттилоотӣ» дар заминаи меъёрҳои конститутсионӣ ва меъёрҳои қонунгузории амалкунанадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоотонӣ ва бунёди ҷомеаи иттилоотӣ мудаллал карда шудааст, дар ин замина, инчунин муқоисаи меъёрҳои мавҷуда дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории Федератсияи Русия сурат гирифтааст. Фикру ақидаҳои мутахассисони соҳа дар бораи раванди иттилоотонӣ оварда шудааст. Моҳияти истилоҳи «равандҳои иттилоотӣ» чун мафҳуми махсус, ки дар рафти иттилоотонӣ ва бунёди ҷомеаи иттилоотӣ мақоми махсус бозидаанд, ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Мавқеи муаллиф дар бобати фаъолияти ҳуқуқии мазкур асоснок карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ, захираҳои иттилоотӣ, равандҳои иттилоотӣ, асосноккунии ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқӣ, фаъолияти иттилоотӣ*

*Исследованы проблемные вопросы информационных процессов при создании информационного общества и их взаимосвязь с понятиями «информационные ресурсы» и «информационные системы», которые выступают как объекты правовых отношений и как предмет изучения отраслевых правовых наук. Определено, что сущность понятия «информационные процессы» разработана информатикой и под данной юридической деятельностью понимаются действия субъектов относительно самой информации и их действия по её изменению. Предложено правовое обоснование понятия «информационные процессы» на основе конституционных норм и норм действующего законодательства Республики Таджикистан в области информатизации и создания информационного общества. На этом основании проведено сравнение данного вопроса с существующими нормами законодательства Российской Федерации. Раскрыта суть термина «информационные процессы» как особого понятия, играющего значимую роль при информатизации и создании информационного общества, в сопоставлении с мнениями, высказанными специалистами в данной отрасли. Обосновывается авторская позиция относительно данной юридической деятельности.*

***Ключевые слова***: *информация, информационные технологии, информационные ресурсы, информационные процессы, правовое обоснование, юридическая деятельность, информационная деятельность*

*The article studies the problematic issues of information processes in the creation of the information society and their relationship with the concepts of information resources and information systems that act as objects of legal relations and as a subject of study of branch legal sciences. It is determined that the essence of the concept of information processes is worked out by informatics and this legal activity is understood as the actions of subjects regarding the information itself and their actions to change it. A legal substantiation of the concept of information processes is proposed on the basis of constitutional norms and norms of the current legislation of the Republic of Tajikistan in the field of informatization and the creation of an information society. On this basis, a comparison was made of this issue with the existing norms of the legislation of the Russian Federation. The essence of the term information processes is revealed as a special concept that plays a significant role in informatization and the creation of an information society, in comparison with the opinions expressed by experts in this industry. The author's status concerning this legal activity is supported.*

***Key-words:*** *information, informational technology, informational resources, informational processes, legal fundament, legal activity, informational activity*

Бунёди ҷомеаи иттилоотӣ бевосита аз татбиқи дастовардҳои илми информатика, информатикаи умумӣ, информатикаи амалӣ, ҳамчунин информатикаи ҳуқуқӣ, ки ба пешрафти илму техника такя менамояд, вобаста мебошад.

Лозим ба таъкид аст, ки дар бунёди ҷомеаи иттилоотӣ «равандҳои иттилоотӣ» мавқеи хоса доранд. Падидаи мазкур, яъне равандҳои иттилоотӣ бо мафҳумҳои «захираҳои иттилоотӣ» ва «низомҳои иттилоотӣ» якҷоя истифода мешаванд. Ба ибораи дигар, дар раванди бунёди ҷомеаи иттилоотӣ мафҳумҳои мазкур якҷоя баромад менамоянд. Худи иттилоот, равандҳои иттилоотӣ ва, махсусан, низомҳои иттилоотӣ ҳам объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҳам предмети омӯзиши илмҳои соҳавии ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд.

Тавре дар сарчашмаи илмӣ таъкид шудааст, бунёди ҷомеаи иттилоотӣ аз чунин объектҳо, мисли иттилоот, воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ вобаста мебошад [7, с. 7].

Дар илми информатика таҳти мафҳуми «равандҳои иттилоотӣ» амале фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби субъектони муносибатҳои иттилоотӣ нисбат ба иттилоот равона шуда, субъектони мазкур, минбаъд иттилоотро тағйир медиҳанд. Инсон тавассути иштироки худ дар равандҳои иттилоотӣ иттилоотро ба даст меорад, интиқол медиҳад, нигоҳ медорад, коркард менамояд, рамзнависӣ менамояд. Ғайр аз он, барои пурра дар бар гирифтани мафҳуми «равандҳои иттилоотӣ» ҳамчунин мафҳуми «равандҳои иттилоотӣ»-и дуюмдараҷа, аз қабили «бозтавлид» ва «нигоҳдории иттилоот» мақоми хоса дорад. Умуман раванди иттилоотӣ аз рамзнависии иттилоот вобастагии калон дорад Пеш аз интиқол додан, иттилоот бояд рамзнависӣ шавад ва минбаъд бо алоқаи кабелӣ ва бо ёрии сигналҳои гуногун ба гирандаи иттилоот интиқол гардад. Аз ҳама муҳиммаш он аст, ки дар раванди иттилоотии «коркарди иттилоот» субъекти муносибатҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ ва ё истеъмолкунандаи иттилоот иттилооти гирифтаашро тағйир медиҳад. Аз байни намудҳои равандҳои иттилоотӣ «нигаҳдории иттилоот» мақоми хоса дошта, дар ин раванд минбаъд иттилоот коркард ё интиқол ва ё қабул карда мешавад.

Таҳлили проблемаи илмии мазкур ҳамчунин асосноккунии ҳуқуқии мафҳуми равандҳои иттилоотиро талаб мекунад.

Асосноккунии ҳуқуқии мафҳуми равандҳои иттилоотӣ аз меъёрҳои Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон[6] сарчашма мегирад. Бо вуҷуди он ки бар хилофи Конститутсияи Федератсияи Русия дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи озодона ҷустуҷӯ намудан, гирифтан, интиқолдиҳӣ, истеҳсол ва паҳнкунии иттилоот меъёри ҳуқуқӣ бевосита вуҷуд надорад, дар сарчашмаҳои ҳуқуқшиносӣ таъкид гардидааст, меъёрҳои ҳуқуқии моддаҳои 23, 30 ва чанд моддаи дигари Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосноккунии ҳуқуқии «фаъолияти иттилоотӣ»-ро дар бар мегиранд. Ғайр аз он, меъёрҳои моддаи 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар шахс ҳуқуқҳои озодии сухан, озодии матбуот ва ҳуқуқи истифодаи воситаҳои иттилоотро кафолат медиҳад[8, с. 24].

Оид ба проблемаи мазкур ҳамчунин олими тоҷик Ш.К. Ғаюров, ки яке аз мутахассисони маъруфи соҳаи иттилоот ва иттилоотонӣ мебошад, низ ҷонибдори ақидаи боло аст[3, с. 44-45].

Асосноккунии ҳуқуқии мафҳуми «равандҳои иттилоотӣ» дар меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дида мешавад.

Қонунгузор моҳияти мафҳуми мазкурро дар меъёрҳои банди 8 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августи соли 2001[4] пешниҳод намудааст. Ба ақидаи қонунгузор равандҳои иттилоотӣ ба субъектони муносибатҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ равона шуда, амалҳои гуногунро дар бар мегирад. Тавре қонунгузор таъкид намудааст, дар раванди мазкур, субъектони муносибатҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ иттилоотро ҷамъ, коркард, нигаҳдорӣ, интиқол, ҷустуҷӯ ва паҳн менамоянд.

Ғайр аз он, тибқи қисми 1 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10 апреля соли 2002[5] дар заминаи татбиқи сиёсати давлатии иттилоотонӣ равандҳои иттилоотӣ амалӣ гардонида, маҳз бо ёрии фаъолияти ҳуқуқии мазкур, ба даст овардан, истифода бурдан, паҳн намудан ва нигоҳ доштани иттилоот аз ҷониби давлат ва дигар субъектон ба роҳ монда мешавад.

Ҳамчунин тибқи қисми 1 моддаи 8 Қонуни мазкур, субъектони муносибатҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ҳуқуқ ба иттилоот доранд, ки он имконияти озодона гирифтан, паҳн намудан ва нигоҳ доштани маълумотро пешбинӣ мекунад.

Дар боби 2 Қонуни мазкур сухан нисбати фаъолияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Дар меъёрҳои боби мазкур қонунгузор ба ҷои истилоҳи «равандҳои иттилоотӣ» истилоҳи «фаъолияти иттилоотӣ»-ро истифода бурдааст. Дар моддаҳои 10 ва 11 омадааст, ки баҳри амалигардонии фаъолияти иттилоотӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти хизмати давлатии иттилоотӣ бояд низомҳо, шабакаҳо, пойгоҳҳо ва махзанҳои малумотӣ бунёд намоянд. Ҳамчунин самтҳои асосии фаъолияти иттилоотӣ соҳаҳои байналмилалӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, давлат ба ҳамаи шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳаҷми ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо фаъолияти озоди иттилоотиро кафолат медиҳад.

Мутахассисони соҳа дар бобати моҳияти фаъолияти субъектони муносибатҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ, яъне равандҳои иттилоотӣ дар сарчашмаҳои илмӣ-ҳуқуқӣ ақидаҳои мухталифро ироа кардаанд, ки чанде аз онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Ба ақидаи О.А. Гаврилов, равандҳои иттилоотӣ – ин равандест, ки тибқи он, иттилоот дар муҳити табиӣ, техникӣ ва ё иҷтимоӣ паҳн карда мешавад. Бино ба таъкиди ӯ, агар дар Федератсияи Русия тибқи меъёрҳои Конститутсия равандҳои иттилоотӣ ба се марҳала, яъне ҷустуҷӯ, бадасторӣ, интиқолдиҳӣ ҷудо карда шавад, пас тибқи моддаи 1 Қонуни федералӣ «Дар бораи иттилоот» бошад тасвияти бештар васеи он ҷой дорад. Тавре муаллиф таъкид намудааст, дар зери ин раванд тайёркунӣ, ҷамъкунӣ, коркард, захира кардан, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ, паҳнкунӣ ва пешниҳодкунии иттилооти ҳуҷҷатикунонидашуда ба истеъмолкунанда дар назар аст[1, с. 35; 2, с. 16-17].

Худи моҳияти «иттилоот»-ро мавриди таҳлил қарор дода, П.М. Чернышев таъкид намудааст, ки «технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқӣ» чунин таъинот доранд, ки ҳуқуқшиносон тарзҳо, воситаҳо ва методҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва низомҳои иттилоотиро дар раванди ҷустуҷӯи ягон намуди иттилоот, коркарди бевоситаи он, инчунин барасмиятдарорӣ ва шаклбандии ҳуҷҷатҳои дахлдор дар намуди қоғазӣ ва ё электронӣ ёд гиранд Ҳамчунин муаллиф бар он бовар аст, ки аз ҳисоби чунин амал, ташаккули базаи донишҳо дар соҳаи истифодаи равандҳои иттилоотӣ, низомҳо ва технологияҳо сурат мегирад[9, с. 34].

Аз таҳлилҳои гузаронидаи П.М. Чернышев дида мешавад, ки дар рафти фаъолияти ҳуқуқӣ, дар баробари худи иттилоот, ҳамчунин истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва низомҳои иттилоотӣ дар раванди ҷустуҷӯи ягон намуди иттилоот мавқеи равандҳои иттилоотӣ хеле муҳим мебошад.

Дар сарчашмаи илмии дигар бошад, муаллифон «равандҳои иттилоотӣ»-ро амале меҳисобанд, ки нисбат ба иттилоот баҳри тағйирдиҳии он татбиқ мешавад. Бино ба ақидаи олимон, дар амалияи ҳуқуқӣ намудҳои асосии зерини равандҳои иттилоотӣ ҷой доранд: ба даст овардан, интиқол кардан, нигоҳ доштан, коркард кардан ва рамзнависӣ. Ҳамчунин муллифон, асосноккунии ҳуқуқии равандҳои иттилоотиро дар Федератсияи Русия тибқи меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунгузории амалкунандаи Федератсияи Русия дар соҳаи иттилоотонӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд[10, с. 54-58].

Шиносой бо асарҳои илмии ба мавзӯи мавриди баҳс бахшида шуда собит месозад, ки ҳамаи панҷ намуди равандҳои иттилоотӣ мақсади ягона, яъне раванди таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба худи иттилоот доранд.

Таҳлилҳои боло шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти ҳуқуқии мазкур, дар раванди умуман иттилоотонӣ ва, махсусан, иттилоотонии ҷомеа хеле муҳим буда, мутахассисони соҳа онро ба таври мухталиф шарҳу тавзеҳ мекунанд. Мо низ дар он ақидаем, ки мафҳуми бештар васеи раванди иттилоотонӣ қобили қабул аст, зеро маҳз дар ҳамин тасвият мафҳум ва моҳияти фаъолияти ҳуқуқии мазкур бештар намоён мебошад.

Умуман равандҳои иттилоотӣ ба мо, субъектони муносибатҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ, аз он хабар медиҳад, ки дар раванди фаъолияти ҳуқуқии мазкур иттилоот аз ҳомили иттилоот ба истеъмолкунандаи он, яъне субъектони муносибатҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ ҳаракат менамояд.

Ҳамин тавр, равандҳои иттилоотӣ раванди дар муҳити табиӣ, техникӣ ва ё иҷтимоӣ паҳн кардани иттилоот мебошад, ки тавассути он ҳаракати иттилоот нисбат ба истеъмолкунандагони он таъмин карда мешавад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Гаврилов О.А. Основы правовой информатики: учебное пособие / О.А. Гаврилов. – Москва, 1998. – 43 с.*
2. *Гаврилов О.А. Курс правовой информатики: учебник для вузов / О.А. Гаврилов. – Москва: НОРМА-ИНФРА, 2002. – 432 с.*
3. *Гаюров Ш.К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан. Монография / Ш.К. Гаюров. – Москва: Спутник+, 2010. – 361 с.*
4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» аз 6 августа соли 2001, № 40 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2001, № 7, мод. 502; 2005, № 12, мод. 639; 2019, № 1595.*
5. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10 апреля соли 2002, № 609 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2002, № 4, қисми 2, мод. 320; 2012, № 7, мод. 698; 2014, № 1164.*

6. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994, бо тағйироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе: Нашриёти «Ганҷ», 2016. – 135 с.*
7. *Комилов Ф.С., Шарапов Д.С. Информатикаи амалӣ / Ф.С. Комилов, Д.С. Шарапов. – Душанбе, 2009. – 363 с.*
8. *Меликов У.А. Реализация конституционного права на информацию в Таджикистане / У.А. Меликов // Информационное право. – 2010. – № 2. – С. 24-26.*
9. *Чернышев П.М. Информационные технологии в юридической деятельности / Чернышев П.М. // Марийский юридический вестник. – 2016. – № 3. – С. 34-36.*
10. *Чубукова, С.Г., Элькин В.Д. Основы правовой информатики (юридические и математические вопросы информатики): учебное пособие. Изд. второе, исправленное, дополненное / Под ред. доктора юридических наук, профессора М.М. Рассолова. – Москва: КОНТРАКТ, 2007. – 287 с.*

**REFERENCES:**

1. *Gavrilov O.A. The Basis of Legal Information: manual/ O.A.Gavrilov.-Moscow, 1998.-43pp.*
2. *Gavrilov O.A. The Course of Legal Information: college textbook / O.A.Gavrilov. – Moscow: NORMA-INFRA, 2002.-432pp.*
3. *Gayurov Sh.K. Personal Informational Rights of Citizens: the Problems of Civil Regulation in Tajikistan Republic. Monograph / Sh.K.Gayurov. – Moscow: Sputnik+, 2010. – 361pp.*
4. *The Law of Tajikistan Republic "About the Mass Media" from the 6th of August 2001, №40 //The News of Majlisi Oli of Tajikistan Republic, 2001, №7, code 502; 2005, №12, code 639; 2019, №1595.*
5. *The Law of Tajikistan Republic "About the Mass Media" from the 10th of April 2002, № 609// The News of Majlisi Oli of Tajikistan Republic, 2002, №4, part 2, code 320; 2012, №7, code 698; 2014, №1164*
6. *The Constitution of Tajikistan Republic from the 6th of November 1994, amended and supplemented from the 26th of September 1999, the 22nd of June 2003, the 22nd of May 2016. – Dushanbe: Edition "Ganj", 2016. – 135pp.*
7. *Komilov F.S., Sharapov D.S. Practical Information / F.S.Komilov, D.S.Sharapov. – Dushanbe, 2009. – 363pp.*
8. *Melikov U.A. Realization of Constitutional Rights into the Information in Tajikistan / U.A.Melikov // Informational Right. – 2010.- №2. – PP.24-26*
9. *Chernyshev P.M. Informational Technology in Juridical Activity / Chernyshev P.M. //Bulletin of Juridical Mari*
10. *Chubukova S.G., Elkin V.D. The Basis of Legal Information (juridical and mathematical issues of information): manual. The Second Edition, amended and supplemented / Under the editorship of Doctor of Juridical Sciences, Professor M.M.Rassolov. – Moscow: CONTRACT, 2007.-287pp.*